**Хулосаи**
**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати узви шуро, д.и.т. Додхудоева Л. Н., узви шуро, д.и.т., узви вобастаи АМИТ Шарифзода А. ва узви шуро, д.и.т. профессор Маликов М. Ҳ. бо диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942 - 2021)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) шинос шуда, хулосаи зеринро пешниҳод менамояд.

Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти мустақилона буда, ба талаботи таъйиншуда нисбат ба рисолаҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос ҷавобгӯ мебошад. Дар он фаъолияти корхонаи сементи шаҳри Душанбе дар даврони шуравӣ ва замони истиқлол (то соли 2021) дар асоси маводи бойгонӣ, интишороти матбуоти даврӣ, суҳбат бо собиқадорони меҳнат ва дигар маъхазҳо таҳқиқ карда шудааст.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки ин мавзуъ дар илми таърихнигории ватанӣ ба қадри кофӣ ва дар сатҳи зарурӣ ҳанӯз омӯхта нашудааст. Ба он танҳо мақолаҳои алоҳидаю пароканда бахшида шудааст. Ҳол он, ки масъалаи саноатикунонии кишвар дар мадди назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтааст ва ҳанӯз соли 2016 Пешвои миллат - Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон даъват ба амал баровардa буданд, ки Тоҷикистонро мо бояд аз кишвари аграриву саноатӣ ба мамлакати тараққикардаи саноативу аграрӣ табдил диҳем. Соли 2018 бошад Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми стратегӣ эълон карда шавад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи мавзуи мазкур барои муайян намудани нақши саноат, хоса саноати сементбарорӣ, дар иқтисодиёти Тоҷикистон, мавқеи ҷумҳурӣ дар ҷодаи истеҳсол ва содироти семент мусоидат менамояд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Муҳаққиқ мавзуи омӯзиш ва таҳлили таърихи корхонаи сементбарории шаҳри Душанберо барои замони Шуравӣ ва даврони истиқлолият ҳадафи таҳқиқоти худ қарор дода, барои расидан ба ин мақсад ҳалли 11 масъаларо ҳамчун вазифагузорӣ намудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** аз он иборат мебошад, ки бори нахуст таърихи ташаккули фаъолияти корхонаи "Тоҷиксемент" аз даврони Шуравӣ

(соли 1942) то соли 2021, яъне 30-солагии соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шудааст. Дар диссертатсия бори нахуст заминаҳои таърихӣ ва иқтисодии бунёди корхонаи зикршуда, марҳилаҳои асосии тақвияти фаъолияти корхона, нақши он барои равнақ додани саноати ҷумҳурӣ, дурнамои инкишофи он мавриди омӯзиш қарор гирифта, инчунин имкониятҳои рушди минбаъдаи он бо инобати захираҳои табиии кишвар таҳқиқ карда шудаанд.

**Аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии** таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки мавод ва хулосаҳои онро метавон дар аснои навиштани асарҳои бунёдӣ оид ба таърихи Тоҷикистон барои давраҳои шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ, асарҳои маҷмӯӣ доир ба таърихи саноатикунонии кишвар, ҳангоми таҳияи курсҳои лексионӣ аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик», «Таърихи муосири Тоҷикистон» истифода намуд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои алоҳидаи ҳалталаби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи рушди саноати сементбарорӣ муфид арзёбӣ карда мешаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он ба назар мерасад, ки муаллифи диссертатсия дар истифодаи маводи зиёди бойгонишуда ҳамчун сарчашмаи муътамад мустақиман ширкат варзидааст. Ҳамчунин ӯ шароити фаъолияти корхонаро аз дохил мушоҳида намуда, бо аҳли раёсат ва кормандон, хоса собиқадорони меҳнат суҳбатҳо анҷом дода, баҳрабардории худро ба сифати сарчашмаи илмӣ қарор додааст.

Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқотии диссертатсияи мазкур дар 4 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар маводи конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидаанд.

Диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942 - 2021)» аз рӯи натиҷаҳои ба даст омада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи Тартиби

додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумат и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) сазовор аст.

**Бо инобати масъалаҳои зикршуда комиссия ба чунин қарор омад:**

1. Диссертатсияи Азизхонова Рухшона Гулбозхоновна дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди заводи сементи Душанбе (1942 - 2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) барои ҳимоя тавсия дода

шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод шаванд:

- Ҳомидзода Фуркат Муқим - доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърих ва диншиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

- Наҷмудинов Толибшо Ашурович - номзади илмҳои таърих, и.в. дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

3. Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав ба ҳайси муассисаи пешбар таъйин карда шавад.

4. Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои таърих Додхудоева Л. Н.

Узви комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои таърих,
узви вобастаи АМИТ Шарифзода А.

доктори илмҳои таърих Маликов М. Ҳ.

Имзоҳои Додхудоева Л. Н., Шарифзода А. ва Маликов М. Ҳ.-ро тасдиқ мекунам.

Нозири калони шуъбаи
кадрҳои Институти таърих,
бостоншиносӣ ва
мардумшиносии ба номи
А. Дониши АМИТ Файзуллоева Г. Қ.

"01" 07 с. 2024